“Тасдиқ мекунам”
Ноиби ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм ва инноватсия, номзади илмҳои таърих, дотсент
___________________Карамалишоев К.Н.
“_15_”____05______________2023 с.

# ХУЛОСАИ

## кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ соли 2003 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намуда, аз соли 2004 то инҷониб дар мақомоти прокуратура фаъолият дорад.

Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар давраи омода намудани диссертатсия ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 24 январи соли 2023, №114-1 аз ҷониби Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Аз рӯйи муҳокима хулосаҳои зерин қабул гардид:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои марказии илми ҳуқуқи маъмурӣ – «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст.

Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ягонаи марказонидашуда мебошад, ки дар доираи ваколатҳои худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди ҶТ назорат мекунад. Мақомоти прокуратура яке аз ниҳодҳои муҳимми давлатдорӣ буда, фаъолияти онҳо

ба ҳифзи арзишҳои ҷомеаи демократӣ, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа, ошкору пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нигаронида шудааст. Маҳз ташкили дурусти фаъолияти прокуратура ва мушаххас будани вазифаю ваколатҳо имкон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ фазои ягонаи ҳуқуқӣ нигоҳ дошта шавад ва дар ҳалли ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ҷамъият ва давлат мусоидат намуда, дар ҷумҳурӣ фазои ягонаи ҳуқуқӣ нигоҳ дошта мешавад.

Дар робита ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомали Рахмон таъкид менамояд: "Дар ташаккули давлати нави ҳуқуқбунёд, ки мо бо иродаи мардум роҳи бунёди онро пеш гирифтаем, нақши прокуратура ниҳоят муҳим аст. Чунки фаъолияти он аз назорати иҷрои қонунҳо, таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин манфиатҳои давлат ва ҷомеа иборат мебошад. Дар баробари ин, прокуратура яке аз сохторҳои муҳимтарини низоми давлатдорӣ буда, ба ягон шохаи ҳокимият тааллуқ надорад ва иҷрои ҳатмии қонунҳоро аз ҷониби тамоми шохаҳои ҳокимият, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва шаҳрвандон назорат намуда, дар мамлакат фазои ягонаи ҳуқуқиро фароҳам меорад. Бо ин мақсад ҳамаи самтҳои асосии фаъолияти прокуратура бо дарназардошти назорати умумии риояи қонунҳо, тафтишоту таҳқиқоти амалу кирдорҳои ҷиноятӣ, фаъолияти фавриву ҷустуҷӯӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ инкишоф дода мешаванд".

Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ аз 5 марти соли 2007, №233 «Дар бораи хизмати давлатӣ» Қонунҳои конститутсионии ҶТ аз 25 июли соли 2005, №107 "Дар бораи мақомоти Прокуратураи ҶТ" хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураро то сатҳи муайян ба танзим даровардаанд, вале дар шароити кунунӣ бинобар мураккаб гардидани ҳаёти ҷамъиятӣ ва вусъат ёфтани муносибатҳо дар соҳаҳои алоҳида, қонунгузории амалкунанда, ки муносибатҳои хизматиро дар мақомоти прокуратура танзим менамояд ба такмил ниёз доранд.

Бе модернизатсияи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ, алалхусус дар мақомоти прокуратура татбиқи мақсаду вазифаҳои нав, ки дар замони муосир дар назди мақомоти мазкур истодааст, ғайриимкон мегардад.

Мубрамияти мавзуи интихобнамуда дар он ифода меёбад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Тоҷикистон, то ҳанӯз принсипҳои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқӣ дар мақомоти прокуратура, вазъи ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои кормандони он, ҳолатҳои истиснокунандаи қабул ба хизмат дар мақомоти

прокуратура, озмун барои ишғоли мансаб, баҳодиҳӣ ба фаъолият, захираи кадрҳо, ротатсия, масъалаҳои таҳсилу тартиби истеъфои онҳоро ба таври дахлдор танзими худро наёфтаанд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, ки ташкил ва адои хизматро дар мақомоти прокуратура ба танзим медароранда чандон қаноъаткунанда намебошанд. Бояд қайд кард, ки баъзе масоилҳои хизмат дар мақомоти прокуратура бо қонунгузории хизмати давлатӣ танзим шудаанд, аммо онҳо комилан хусусиятҳои хоси муносибатҳои ҳуқуқӣ-хизматиро дар мақомоти прокуратура, ҳамчун мақоми махсуси давлатӣ, ки назорати риояи дақиқ ва иҷрои яхелаи қонунҳоро амалӣ менамояд, инъикос намекунанд. Дар Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" мушаххасан муқаррар карда шудааст, ки танҳо муқаррароти умумӣ ва принсипҳо нисбат ба хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки хизмат дар мақомоти прокуратура ба он шомил аст, татбиқ мегадад. Омӯзиш ва таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи хизмат дар мақомоти прокуратура собит мекунад, ки зарурияти ислоҳоти хизмат дар мақомоти прокуратура дар асоси мафҳумҳои мушаххасу дақиқ ва мукаммал тавассути беҳтар намудани қонунгузорӣ дар ин самт ҷой дорад.

Илова ба ин, рушди иқтисодӣ-иҷтимоии давлат ва ташаккули мақомоти он, инчунин ислоҳоти соҳаҳои алоҳида, ба танзими ҳуқуқии адои хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура аҳамияти зиёде дорад. Аз танзими қонунии он фаъолияти ҳамаи низоми мақомоти прокуратура ва дар ниҳоят иҷрои вазифаҳои давлатии дар назди он гузошташуда вобастагии амиқ дорад.

Қонунгузории босуръат рушдёбанда дар даврони Истиқлоли давлатӣ, мушкилоти ҳамкории байниидоравӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷиноятторӣ, зарурати такмили шаклу усулҳои назорати прокурорӣ ва дигар сабабҳо боиси таваҷҷуҳи афзояндаи омӯзиши хусусиятҳои танзими маъмурӣ-ҳуқуқии хизмат дар мақомоти пракуратура мегардад. Дар чунин шароит масъалаи ислоҳоти тамоми низоми хизмати давлатӣ, аз ҷумла намуди алоҳидаи он - хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Аҳамияти мавзуи интихобшуда инчунин аз набудани таҳқиқоти маҷмӯии (комплексии) илмию назариявӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ – маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратури Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт вобаста аст.

Бо дарназардошти ҳолатҳои зикршуда зарурати тадқиқоти ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмат дар мақомоти

Прокуратураи ҶТ, инчунин ҷустуҷӯи шаклҳои самарабахши таъсири идоракунӣ ва қонунгузорӣ оид ба хизмат дар мақомоти прокуратура бо мақсади дар шароити муосир муътадил гардонидани онҳо ба миён омадааст. Ҳамаи ин, мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ ва шарти интихоби мавзуи мазкурро муайян намуд.

Масъалаи танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмат дар мақомоти Прокуратураи ҶТ то кунун дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мавриди таҳқиқи комил қарор нагирифтааст, ки сабаби он таваҷҷуҳи начандон зарурии муҳаққиқон то замони истиқлолият ба падидаи хизмати давлатӣ мебошад. Бо қабули Конститутсияи ҶТ ба тариқи райъпурсии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 ва дар сатҳи санади олии меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шудани падидаи хидмати давлатӣ ва эътирофи ҳуқуқи шаҳрвандон бо кафолати таъмини татбиқи он таваҷҷуҳ ба таҳқиқи мукаммали хидмати давлатӣ дар соҳаҳои алоҳида бештар гашт. Мавзуи баррасишаванда як зумра масъалаҳои хизмат дар мақомоти прокуратура, ки аз қабул ба кор дар мақомоти прокуратура то ба қатъи фаъолият ё худ хизмат дар мақомоти прокуратура алоқамандро дар бар гирифтааст. Ҷанбаҳои алоҳидаи он аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин ҷода фаъолияти олимони хориҷӣ пурмаҳсул ва назаррас аст. Аз ҷумла, Скобина Е.А., Шастина М.А., Жамкин А.С., Басков В.И., Братановский С.Н., Стерлников В.В., Мазурин С.Ф., Прокофев К.Г., Манохин В.М., Старилов Ю.Н., Ноздрачев А.Ф., Атаманчук Г.В., Смирнов А.В., Бахрах Д.Н., Какителашвили М.М., Кириллов А.А. ва дигарон. Олимон ва мутахассисони ватанӣ аз зумраи Ғафурзода А.Д., Разоққов Б.Ҳ.,Ҷамшедзода Ҷ.Н., Тоҳиров Ф.Т., Буриев И.Б., Сафаров И.Д., Азизқулова Г.С., Холиқов А., Искандаров З.Х., Қаҳҳоров А.А., Кенҷаев С., Мирзоева Қ., Муҳаммадиев И.С., Хусаинова Ш.М., Исоев М.Ш., Исмоилзода С.А., Раҷабов С., Раҳмон Ю.А., Саидов К.М., Ойев Х., Пирназаров И.А., Сайфиддинов А.А., Каримов К.М., Гафуров М.С., Диноршоев А.М., Маҳмудов И.Т., Хоҷаева Н.Б. ва дигарон.

Унвонҷӯ мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро дар заминаи усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва махсуси хуқуқӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, дар натиҷа хулоса ва пешниҳодҳои илман асосноки худро манзур намудааст, ки дар рушди илми ҳуқуқи маъмурӣ, ташкили хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура ва таҷдиди қонунгузории соҳа метавонанд нақши муҳим дошта бошанд.

Пажӯҳишгар Раҷабзода М.С. дар доираи таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои мухталифи хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратураро баррасӣ намуда, хулосаҳои худро бо далелҳои муътамади илмӣ ва андешаҳои муҳаққиқон асоснок кардааст. Аз ин рӯ, мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои дар рисола

пешниҳодгардида метавонанд дар таҳқиқотҳои илмии соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ истифода карда шаванд.

Унвонҷӯ барои таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ дар рисола вазифаҳои зеринро гузоштааст:

- таҳлили таҷрибаи таърихии инкишофи соҳаи хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян намудани ҷойи хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура ва дар низоми хизмати давлатии ҶТ, ошкор намудани нишонаҳои асосӣ ва тарҳи махсуси он, шаклдиҳии мафҳуми хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ;

- баррасии принсипҳои хизмати давлатие, ки ба хизмат дар мақомоти прокуратура мувофиқ аст;

- мушаххас намудани вазъи ҳуқуқии корманди прокуратура;

- ошкор кардани масъалаҳое, ки зимни адои хизмат дар мақомоти прокуратура аз қабилӣ, аттестатсиякунонӣ, додан ва маҳрум кардан аз рутбаҳои дараҷавӣ, татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва интизомӣ, инчунин ба дигар намуди ҷавобгари кашидани онҳо ба миён меоянд;

- таҳлили вазъи моддӣ-иҷтимоии хизматии кормандони прокуратура ва ҳимояи ҳуқуқии онҳо дар замони муосир ва коркарди роҳҳои мукаммал кардани меъёрҳои ҳуқуқии батанзимдаровандаи онҳо;

- дар асоси таҳқиқотҳои амаликарда ҷамъбаст ва хулоса кардан, коркарди пешниҳодҳо оид ба мукаммалгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми танзими ҳуқуқии масъалаҳои хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади илмӣ асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ муаллиф 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи илмӣ дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба нашр расонида аст, ки дар маҷмӯъ 4,6 ҷузъи чопиро ташкил дода, мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

## I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М] Раҷабзода М.С. Сарчашмаҳои танзимкунандаи хизмат дар мақомоти Прокуратураи ҶТ [Матн] / Раҷабзода М.С. // Қонунгузорӣ. – Душанбе, 2022. – №4 (48). – С.174-178

[2-М] Раҷабзода М.С. Танзими маъмурӣ-ҳуқуқии ташкил ва адои хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ [Матн] / Раҷабзода М.С. // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2022. – №4/2 (59). – С.310-318

[3-М] Раҷабзода М.С., Ғафурзода А.Д. Аттестатсияи кормандони прокурории мақомоти Прокуратура: зарурат ва танзими ҳуқуқии он [Матн] / Раҷабзода М.С., Ғафурзода А.Д. // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2023. – №1 (60). – С.191-198.

[4-М] Раҷабзода М.С. Принсипҳои асосии ташкилӣ ва баамалбарории фаъолият хизматӣ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Раҷабзода М.С. // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2023. – №2 (61). – С.226-233.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп шудаанд:**

[5-М] Раҷабзода М.С. Танзими ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура дар ҶТ [Матн] / Раҷабзода М.С. // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалиии муқовимат бо коррупсия таҳти унвони "Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо" 3 декабри соли 2021 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2021. – С.369-374.

[6-М] Раҷабзода М.С. Ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии хизмат дар мақомоти Прокуратураи ҶТ [Матн] / Раҷабзода М.С. // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Худидораи маҳаллӣ дар низоми идоракунаии иҷтимоӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он" 24 декабри соли 2021 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2021. – С.150-162.

[7-М] Раҷабзода М.С. Мафҳум ва моҳияти хизмати давлатӣ дар мақомот ва муассисаҳои прокуратураи ҶТ [Матн] / Раҷабзода М.С. // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Масоили мубрами мурофиаи маъмурӣ: мушкилот дурнамо ва роҳҳои ҳалли он" 22 майи соли 2022 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2022. – С.125-134.

[8-М] Раҷабзода М.С. Тартиби ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани кормандони прокурорӣ [Матн] / Раҷабзода М.С. // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Ҷавобгарии маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳал" 22

майи соли 2023 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2023. – С.100-109.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи унвонҷӯ Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсияи Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба экспертизаи даври дуюми муассиса барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар, суратмаҷлиси №10 аз 15-уми майи соли 2023.

**Раиси ҷаласа:** мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ
ва хизмати давлатии факултети
идоракунии давлатии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент Саъдиев И.З.

**Котиби ҷаласа:** Нураётова Ш.А.

Имзои Саъдиев И.З.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.

“15” 05 2023 с.